**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Бойматова Дилрабо Меликмуродовна дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар намунаи асл ва тарҷумаи романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и Албер Камю») барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Дар илми забоншиносии тоҷик то ба ҳол масъалаи омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ мавқеи муҳимро касб менамояд ва омӯзиши чунин воҳидҳо дар муқоиса барои ҳалли баъзе масъалаҳои печидаи забонҳои муқоисашаванда мусоидат менамояд.

Воҳидҳои фразеологӣ, ки дар асарҳои номбурда хеле фаровон корбаст гардидаанд, муаллифи диссертатсияро водор намудааст, ки асарҳои зикргардидаро дар шакли муқоиса таҳлил ва баррасӣ намояд. Дар ин рисола ду масъалаи илми забоншиносӣ, яъне таҳлил ва муқоисаи воҳидҳои фразеологӣ дар ду забон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар як нигоҳ аз рӯи автореферати диссертатсияи Бойматова Дилрабо Меликмуродовна ба хулосае омадан мумкин аст, ки муаллиф аввалин бор дар илми забоншиносии тоҷик воҳидҳои фразеологиро дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар намунаи осори ду нависандаи барҷаста ба риштаи таҳлил кашидааст. Муаллиф ба ҳайси муҳаққиқ моҳияти масъаларо ба таври аъло дарк намуда, оид ба масъалаи мавриди назар нуқтаи назари хешро таълиф намудааст, ки қобили таҳсин аст.

Бо баробари шинос шудан бо автореферат бармеояд, ки рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти осори таҳқиқӣ иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия оид ба пажӯҳиши воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ бахшида шудааст. Дар ин боб дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва дараҷаи омӯзиши чунин воҳидҳои забонӣ ба таври мухтасар маълумот пешниҳод гардидааст. Инчунин дар фаслҳои дигари ин

боб доир ба шинохти калимаи фразеология, таърихи таҳқиқи илмии воҳидҳои фразеологии забонҳои қиёсшаванда маълумот пешниҳод гардидааст.

Бобҳои дуюм ва сеюм доир ба воҳидҳои фразеологӣ дар асарҳои «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и  Албер Камю» бахшида шуда, дар бораи корбасти воҳидҳои фразеологӣ маълумоти амиқ пешниҳод гардида, намунаҳои тоҷикиву фаронсавии ин ду асар ба риштаи таҳқиқот кашида шудааст.  Дар бобҳои мазкур на фақат маҳорати истифодаи воҳидҳои мазкур аз ҷониби нависандагон нишон дода шудааст, ҳамчунин доир ба қобилияти баргардонии воҳидҳои фразеологӣ  аз ҷониби тарҷумонҳо низ андешаронӣ гардидааст.

Муаллифи диссертатсия тавонистааст, ки ҷанбаҳои назариявии масъаларо муайян намуда, таълифоти забоншиносони ватаниву хориҷиро ба риштаи таҳлил кашад ва андешаҳои ҷолиби хешро доир ба ин мавзӯъ пешниҳод намояд. Инчунин имкон ба ӯ даст додааст, ки тамоми воҳидҳои фразеологии асарҳои мазкурро омӯзад, бо ҳам қиёс намояд, ҳадафи асосии корашро муайян созад.

Бояд зикр намуд, ки хулосаҳои илмии диссертант низ хеле ҷолибанд. Муаллиф дар якчанд бахш андешаҳои худро хулосабандӣ намудааст ва онҳо имкон медиҳанд, ки хонанда бо натиҷаҳои илмӣ ошно гардад. Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқ аст ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф афкори ӯро пурра баён менамоянд.

Дар радифи дастовардҳо баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1). Дар автореферати мазкур баъзан ҳолатҳои вайрон шудани шрифт мушоҳида мегарданд (саҳ. 4; 15; 16; ва ғ.);

2). Дар автореферат хатоҳои имлоӣ низ ба назар мерасанд (саҳ.3 **«аҳаммият», саҳ. 8 «иттлоотӣ»...**).

Норасоиҳои нишондодашуда аҳамияти илмии автореферати рисоларо кам намегардонанд. Умуман, автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди

илмӣ таълиф гардида, ба хонанда дар бораи моҳияти аслии рисола гузориши муфассал дастрас менамояд.

Муаллифи рисола - Бойматова Дилрабо Меликмуродовна, бо ҳимояи тадқиқотии мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) арзанда мебошад.

Номзади илмҳои филология, сармуаллими
кафедраи ИНШХ-и забони русии
ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров: Элназаров Б. Д.
(bakhodur_elnazarov1987@mail.ru)

Сардори ШК ва корҳои махсуси
ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров: Ашрапова З.